## ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ

**ба диссертатсияи Рисолати Раҷабалӣ дар мавзуи: «Ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ дар низоми ҳуқуқу озодиҳои конститутсионии инсон ва шаҳрванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.2 – Ҳуқуқи конститутсионӣ; ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ; танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ. – ш. Душанбе, 2026. – 199 с.**

**Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсияи Рисолати Раҷабалӣ дар мавзуи «Ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ дар низоми ҳуқуқу озодиҳои конститутсионии инсон ва шаҳрванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз рӯйи мазмун, самти таҳқиқ, масъалагузорӣ ва натиҷаҳои илмии бадастомада ба ихтисоси 5.5.2 – Ҳуқуқи конститутсионӣ; ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ; танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ мутобиқат менамояд. Масъалаҳои дар рисола таҳқиқшуда бевосита ба табиати конститутсионии ҳуқуқҳои иҷтимоӣ, принсипи давлати иҷтимоӣ, кафолатҳои ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, инчунин роҳҳои такмили танзими ҳуқуқӣ дар соҳаи таъминоти иҷтимоӣ дахл доранд.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқ.** Мавзуи интихобнамудаи диссертант аз он ҷиҳат аҳаммияти махсус дорад, ки дар марҳилаи муосири рушди давлатдорӣ масъалаи таъмини воқеии ҳуқуқҳои иҷтимоӣ ба яке аз нишондиҳандаҳои асосии самаранокии сиёсати давлатӣ табдил ёфтааст. Ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ ба соҳаи он ҳуқуқҳое мансуб мебошад, ки робитаи мустақим бо зиндагии ҳаррӯзаи инсон, эҳтиёҷоти аввалиндараҷаи ӯ ва ҳифзи шахс дар шароити хавфҳои иҷтимоӣ дорад. Аз ин рӯ, омӯзиши он танҳо масъалаи назариявии ҳуқуқи конститутсионӣ набуда, аҳаммияти бевоситаи иҷтимоӣ ва амалӣ низ дорад.

Дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки рушди иҷтимоӣ, баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ, дастгирии гурӯҳҳои осебпазир ва таҳкими низоми ҳифзи иҷтимоӣ аз самтҳои муҳимми сиёсати давлатӣ ба ҳисоб меравconfiguration, таҳқиқи ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ зарурати воқеӣ пайдо мекунад. Ин ҳуқуқ дар ҳолатҳои пиронсолӣ, беморӣ, маъюбӣ, аз даст додани қобилияти меҳнат, талафи саробон ва дигар ҳолатҳои пешбининамудаи қонун ба амал омада, барои ҳифзи шахс аз паёмадҳои номатлуби иҷтимоӣ хизмат мекунад. Аз ин ҷиҳат, таъминоти иҷтимоӣ воситаи муҳимми нигоҳ доштани суботи иҷтимоӣ, ҳифзи шаъну шарафи инсон ва таъмини адолати иҷтимоӣ мебошад.

Мубрамияти таҳқиқот ҳамчунин бо он асоснок мегардад, ки татбиқи ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ аз фаъолияти ҳамоҳангшудаи мақомоти давлатӣ, сатҳи рушди қонунгузорӣ, имкониятҳои иқтисодӣ ва мавҷудияти расмиёти шаффофу дастрас вобаста мебошад. Агар ҳуқуқ дар сатҳи Конститутсия ва қонунҳо эътироф гардад, вале тартиби дастрасӣ ба он мураккаб, номуайян ё ноқифоя бошад, чунин ҳуқуқ пурра амалӣ шуда

наметавонад. Аз ин рӯ, таҳлили кафолатҳо, расмиёт ва роҳҳои ҳимояи ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ барои илми ҳуқуқ ва амалияи ҳуқуқтатбиқкунӣ зарур мебошад.

Дар баробари ин, соҳаи таъминоти иҷтимоӣ бо тағйироти доимии иҷтимоию иқтисодӣ, афзоиши талабот ба хизматрасониҳои иҷтимоӣ, зарурати ҳадафманд гардонидани кумакҳо ва истифодаи технологияҳои рақамӣ рӯ ба рӯ мебошад. Ин ҳолат талаб мекунад, ки қонунгузории дахлдор мунтазам такмил дода шуда, мафҳумҳо, ваколатҳои мақомоти давлатӣ, тартиби мурофиат, шикоят ва назорат ба таври равшан муайян карда шаванд. Аз ин лиҳоз, таҳқиқи муаллиф ба масъалаҳое равона шудааст, ки барои такмили сиёсати иҷтимоӣ ва баланд бардоштани сифати ҳифзи ҳуқуқҳои иҷтимоӣ аҳаммияти бевосита доранд.

Ҳамин тариқ, мавзуи диссертатсия аз нуқтаи назари таҳкими давлати иҷтимоӣ, рушди ҳуқуқи конститутсионӣ, такмили қонунгузории иҷтимоӣ ва таъмин намудани кафолатҳои воқеии ҳуқуқҳои инсон саривақтӣ ва муҳим арзёбӣ мегардад.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳо дар диссертатсия ва нуқтаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд.**

Навгонии илмии диссертатсия дар он зоҳир мегардад, ки ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ дар он ҳамчун падидаи дорои мазмуни бисёрҷанба ва мақоми конститутсионӣ таҳлил шудааст. Муаллиф ин ҳуқуқро танҳо ҳамчун маҷмуи пардохтҳои иҷтимоӣ ё имтиёзҳо баррасӣ накарда, онро дар робита бо принсипи давлати иҷтимоӣ, сиёсати иҷтимоии давлат, кафолатҳои ҳуқуқӣ ва механизмҳои ҳимояи ҳуқуқҳои инсон мавриди омӯзиш қарор додааст.

Дар рисола масъалаҳои марбут ба мафҳуми давлати иҷтимоӣ, мазмун ва принсипҳои сиёсати иҷтимоӣ, ҷойгоҳи ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ дар низоми ҳуқуқҳои инсон, таносуби мафҳумҳои «ҳимояи иҷтимоӣ» ва «таъминоти иҷтимоӣ», инчунин таснифи танзими ҳуқуқии ин ҳуқуқ ба моддӣ, расмиётӣ ва мурофиавӣ таҳлил гардидаанд. Чунин муносибат имкон додааст, ки ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ ҳамчун унсури мураккаби низоми ҳуқуқи конститутсионӣ ва яке аз воситаҳои асосии татбиқи масъулияти иҷтимоии давлат асоснок карда шавад.

Ба ҳимоя нуқтаҳои илмие пешниҳод шудаанд, ки аз мазмун ва самти умумии таҳқиқоти диссертатсионӣ бармеоянд. Дар онҳо масъалаҳои асосии марбут ба мафҳум ва моҳияти давлати иҷтимоӣ, мақоми ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ дар низоми ҳуқуқу озодиҳои конститутсионии инсон ва шаҳрванд, низоми кафолатҳои татбиқи ин ҳуқуқ, роҳҳалҳои ҳимояи он ва самтҳои такмили қонунгузории соҳавӣ инъикос ёфтаанд. Муаллиф кӯшиш намудааст, ки ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоиро на танҳо ҳамчун меъёри алоҳидаи конститутсионӣ, балки ҳамчун унсури муҳимми давлати иҷтимоӣ ва воситаи амалии таъмини зиндагии шоистаи инсон асоснок намояд.

Дар нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшуда мавқеи диссертант оид ба табиати комплексии ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ қобили таваҷҷуҳ

мебошад. Муаллиф нишон медиҳад, ки ин ҳуқуқ дар худ ҷанбаҳои конститутсионӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ, моддӣ, расмиётӣ ва мурофиавиро муттаҳид намуда, татбиқи самараноки он фаъолияти ҳамоҳангшудаи мақомоти давлатӣ, ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва дигар субъектҳои муносибатҳои иҷтимоиро талаб мекунад. Чунин муносибат ба фаҳмиши васеи ҳуқуқҳои иҷтимоӣ ва нақши онҳо дар низоми умумии ҳуқуқҳои инсон мусоидат менамояд.

Махсусан, пешниҳодҳои муаллиф оид ба муқаррар намудани тартиби ягонаи шикоят аз қарорҳои мақомоти ваколатдор аҳаммияти назарраси амалӣ доранд. Ворид намудани чунин меъёр метавонад ба бартараф намудани номуайяниҳои мавҷуда дар қонунгузории соҳавӣ, баланд бардоштани шаффофияти фаъолияти мақомоти ҳифзи иҷтимоӣ ва таъмини дастрасии шаҳрвандон ба роҳҳои муассири ҳимояи ҳуқуқ мусоидат намояд. Ин пешниҳод бо талаботи давлати ҳуқуқбунёд ва принсипи кафолатнокии ҳуқуқу озодиҳои инсон мувофиқ мебошад.

Ҳамчунин, андешаи муаллиф дар бораи тақвияти нақши иттифоқҳои касаба ва дигар ниҳодҳои намояндагии кормандон дар назорати иҷтимоӣ қобили дастгирӣ аст. Васеъ намудани иштироки чунин субъектҳо метавонад назорати ҷамъиятиро дар соҳаи таъминоти иҷтимоӣ тақвият дода, шаффофият ва масъулияти мақомоти дахлдорро зиёд намояд. Дар маҷмуъ, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшуда дорои аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ буда, бо мазмуни диссертатсия асоснок гардидаанд.Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшуда бо мазмуни диссертатсия алоқаманд буда, дар қисматҳои гуногуни кор бо далелҳои назариявӣ ва таҳлили меъёрҳои ҳуқуқӣ асоснок гардидаанд. Онҳо барои рушди минбаъдаи назарияи ҳуқуқҳои иҷтимоӣ, такмили қонунгузории миллӣ ва баланд бардоштани самаранокии татбиқи ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ қобили истифода мебошанд.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаю тавсияҳои дар диссертатсия ифодаёфта.** Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳои диссертатсия бо истифодаи заминаи васеи назариявӣ, меъёрӣ ва методологӣ таъмин гардидааст. Муаллиф дар ҷараёни таҳқиқот ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунгузории соҳавӣ дар бораи таъминоти иҷтимоӣ, нафақа, суғуртаи иҷтимоӣ, ҳифзи иҷтимоии маъюбон, кумакҳои унвонӣ ва хизматрасониҳои иҷтимоӣ, инчунин ба санадҳои байналмилалии ҳуқуқи инсон такя намудааст.

Дар таҳқиқот усулҳои диалектикӣ, таърихӣ-ҳуқуқӣ, муқоисавӣ-ҳуқуқӣ, низомӣ-сохторӣ, таҳлил ва синтез, инчунин усули расмӣ-мантиқӣ истифода гардидаанд. Истифодаи чунин маҷмуи усулҳо ба муаллиф имкон додааст, ки масъалаи ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоиро аз нуқтаи назари назариявӣ, меъёрӣ ва амалӣ таҳлил намуда, хулосаҳои пайдарпай ва асоснок пешниҳод намояд.

Хулосаҳо ва тавсияҳои пешниҳодшуда ба мақсад ва вазифаҳои диссертатсия мувофиқ буда, аз мазмуни таҳқиқот бармеоянд. Пешниҳодҳои

амалии муаллиф ба масъалаҳои воқеии қонунгузории соҳа равона гардида, метавонанд дар фаъолияти қонунэҷодкунӣ, ҳуқуқтатбиққунӣ, таҳияи барномаҳои давлатӣ ва раванди таълимӣ истифода шаванд.

**Ҳаҷм ва сохтори диссертатсия.**

Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия ба мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот мутобиқ мебошад. Диссертатсия аз номгӯйи ихтисораҳо ва аломатҳои шартӣ, муқаддима, се боб, шаш зербоб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот, рӯйхати адабиёт ва феҳристи интишороти илмии довталаб иборат буда, ҳаҷми умумии он 198 саҳифаро ташкил медиҳад.

Дар муқаддима мубрамии мавзуъ, дараҷаи таҳқиқи масъала, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, объект ва предмет, асосҳои методологӣ, навгонии илмӣ, аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ, инчунин дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳо муайян карда шудаанд.

**Боби якум – «Асосҳои ҳуқуқӣ-конститутсионии сиёсати иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»** ба таҳлили моҳияти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун давлати иҷтимоӣ ва сиёсати иҷтимоӣ ҳамчун самти муҳимми фаъолияти давлат бахшида шудааст. Муаллиф дар ин боб ба тафсири бисёрҷанба доштани мафҳуми давлати иҷтимоӣ ишора намуда таснифбандии мукаммали ин равишҳоро таҳия намудааст, ки ҳам табиати меъёрӣ-ҳуқуқӣ ва ҳам моҳияти иҷтимоӣ-сиёсии ин падидаро инъикос менамоянд. Ба андешаи муаллиф назарияҳои вуҷуддоштаро ба панҷ равиш ҷудо кардан мумкин аст: равиши бозтақсимотӣ, функсионалӣ-иҷтимоӣ, ҳуқуқӣ-иҷтимоӣ, сиёсӣ-устуворгардонӣ ва равиши шарикӣ. Дар асоси таҳлили ин равишҳо зикр мешавад, ки давлати иҷтимоӣ падидаи мураккаби ниҳоднок буда, вобаста ба шароити таърихӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии ҳар як кишвар шаклҳои мухталифи татбикро касб мекунад (саҳ.39).

Таҳлили тарҳи ташаккулёбандаи давлати иҷтимоӣ дар ҶТ ва зарурати омӯзиши он аз дидгоҳи се унсури асосиро тақозо мекунад: – таҳкими ҳуқуқии конститутсионӣ, таъмини ниҳодӣ ва татбиқи амалӣ. Ин унсурҳо на танҳо самти сиёсати иҷтимоии давлатро муайян мекунанд, балки имкони арзёбии сатҳи мутобиқати тарҳ ба шароити мушаххаси иҷтимоиву иқтисодии кишварро низ фароҳам меоранд.

Ба таври асоснок баён мешавад, ки дар солҳои охир дар ҶТ дар самти такмили низоми ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ пешравиҳои назаррас ба мушоҳида мерасанд. Аз ҷумла, барномаҳои кумакҳои иҷтимоии ҳадафманд амалӣ мегарданд, ки ба дастгирии табақаҳои камбизоат ва осебпазир равона шудаанд. Масалан, яке аз қадамҳои муҳимми амалӣ дар ин самт ҷорӣ намудани низоми рақамӣ, аз ҷумла таҳия ва татбиқи барномаҳо ва феҳристҳои электронӣ мебошад, ки барои бақайдгирӣ, коркард ва тақсими кумакҳои иҷтимоӣ истифода мегарданд. Татбиқи чунин роҳҳалҳо ба баланд гардидани сатҳи шаффофият, такмили самаранокии идоракунии захираҳои

иҷтимоӣ ва ‹ коҳиши монеаҳои маъмурӣ, инчунин пешгирии зуҳуроти коррупсионӣ мусоидат менамояд (саҳ.42-43).

Муаллиф нишон медиҳад, ки тарҳи миллии давлати иҷтимоии Тоҷикистон дар заминаи ҳамгироии чунин унсурҳо ташаккул меёбад:

– роҳҳалҳои ҳуқуқии муқарраршуда дар Конститутсия ва қонунгузорӣ,

– аъзои мустақими тарҳҳои ғарбӣ (пеш аз ҳама, тарҳи скандинавӣ),

– роҳҳалҳои иҷтимоии ҳамбастагӣ, ки реша дар фарҳанг ва арзишҳои маънавии миллӣ доранд.

Ҳамин тавр, ҶТ дар самти татбиқи тарҳи давлати иҷтимоӣ роҳи хоси худро инкишоф медиҳад, ки дар он унсурҳои ҳувияти миллӣ, масъулияти дастаҷамъӣ ва падидаҳои миллии иҷтимоӣ нақши калидӣ доранд. Ин раванд устувории сиёсати иҷтимоиро таъмин намуда, дар асоси меъёрҳои дохилӣ ва таҷрибаи байналмилалӣ намунаи миллии сиёсати иҷтимоиро ташаккул медиҳад (саҳ.46).

Дар доираи боби мазкур муаллиф мафҳум, мазмун ва принсипҳои сиёсати иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистонро ҳаматарафа таҳлил намуда, ишора менамояд, кисиёсати иҷтимоӣ ҳамчун роҳҳали марказии татбиқи ҳадафҳои давлати иҷтимоӣ ва яке аз унсурҳои калидии идоракунии давлатӣ баромад намуда, ба танзими рушди соҳаи иҷтимоӣ, таъмини адолати иҷтимоӣ ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии табақаҳои гуногуни аҳолӣ равона гардидааст(саҳ.51).

Муаллиф дар хулоса, аз ҷумла зикр месозад, ки сиёсати иҷтимоии Тоҷикистон дар асоси принсипҳои адолати иҷтимоӣ, баробарии имкониятҳо, ҳамбастагӣ ва инсонпарварӣ асос ёфтааст. Ин принсипҳо на танҳо амалиёти давлатро қонунӣ мегардонанд, балки пояи ахлоқӣ ва маънавии низоми иҷтимоиро ташаккул медиҳанд (саҳ.62).

Сиёсати иҷтимоӣ дар ҶТ ҳамчун унсури асосии стратегияи давлатӣ баромад мекунад, ки ба татбиқи уҳдадориҳои давлати иҷтимоӣ нигаронида шудааст. Он вазифадор аст рушди ҳамоҳанги ҷомеа, ҳимояи ҳуқуқҳои асосии шаҳрвандон, суботи низоми иҷтимоию иқтисодӣ ва таҳкими эътимоди иҷтимоиро миёни давлат ва ҷомеа таъмин намояд.

**Боби дуюм – «Мазмуни ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ ва танзими он дар сатҳи ҳуқуқи конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон»** дар сохтори диссертатсия мавқеи марказӣ дошта, дар он масъалаи ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ аз ҷиҳати мазмун, табиати ҳуқуқӣ ва роҳҳои танзими он мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Муаллиф дар ин боб кӯшиш менамояд нишон диҳад, ки ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ танҳо як намуди дастгирии давлатӣ набуда, балки яке аз унсурҳои муҳимми мақоми ҳуқуқии инсон ва шаҳрванд мебошад.

Дар таҳқиқот таъкид мегардад, ки дар низоми ҳуқуқу озодиҳои инсон ҳуқуқҳои иҷтимоӣ ҷойгоҳи махсус ва мутаҳидкунандаро ишғол менамоянд, зеро онҳо амалӣ гардидани ниёзҳои ҳаётии шахсро таъмин намуда, ба ташаккули тартиботи устувори иҷтимоӣ мусоидат мекунанд. Аз нигоҳи

таърихӣ, ҳуқуқҳои иҷтимоӣ ҳамчун посух ба мушкилоти саноаткунонӣ, низоъҳо ва бухронҳои иҷтимоӣ, ки бо ташаккули давлати муосир ҳамроҳ буданд, ба вуҷуд омадаанд. Дар муддати нисбатан кӯтоҳ онҳо аз изҳороти эъломиявӣ ба унсури низомманди фаъолияти давлати ҳуқуқбунёд ва иҷтимоӣ табдил ёфтанд (саҳ.63).

Ҳуқуқҳои иҷтимоӣ на танҳо аз ҷиҳати аҳаммият аз дигар гурӯҳҳои ҳуқуқ камтар нестанд, балки дар низоми сиёсати давлатӣ, махсусан дар шароити давлати иҷтимоӣ, нақши танзимгари калидии муносибатҳои ҷамъиятиро иҷро мекунанд. Мустаҳкам гардидани онҳо дар сатҳи конститутсионӣ на танҳо воситаи маҳдуд намудани дахолати худсаронаи ҳокимияти давлатӣ ба раванди тақсими захираҳо мебошад, балки ҳамзамон заминаи ниҳодманди таъмини масъулият ва ҳисоботдиҳии ҳокимияти оммавиро дар назди ҷомеа фароҳам меорад (саҳ.68).

Ҳуқуқҳои иҷтимоӣ, аз як тараф, ҳамчун зернизоми мустақили ҳуқуқи инсон эътироф мешаванд, аз ҷониби дигар, бо тамоми сохтори он робитаи ҷудонопазир доранд. Эътироф, мушаххассозӣ ва татбиқи амалии онҳо на танҳо аз танзими меъёрии ҳуқуқӣ, балки аз шароити воқеии иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва сиёсие, ки давлат дар доираи он фаъолият менамояд, вобаста аст. Дар шароити ташаккули давлати иҷтимоӣ, ки ҶТ низ ҳамин самти рушдро интихоб намудааст, ҳуқуқҳои иҷтимоӣ ба унсури калидии сиёсати ҳуқуқӣ табдил ёфта, ба ҳифзи шаъну шарафи инсон, таъмини адолати иҷтимоӣ ва таҳкими ҳамбастагии ҷомеа равона мегарданд (саҳ.72).

Муаллиф моҳияти танзими ҳуқуқӣ таъмини дастрасии воқеӣ ва амалӣ ба ҳуқуқҳои иҷтимоиро таҳлил намуда ба таври асоснок иброз медорад, ки моҳияти ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ маҷмуи унсурҳои ташкилию функсионалиро фаро гирифта, аз муайянсозии доираи субъектҳо ва ҳуқуқу уҳдадориҳои онҳо оғоз ёфта, то ташкили роҳҳалҳои муассири татбиқ ва ҳимояи ин ҳуқуқ идома меёбад. Чунин танзим на танҳо кафолати ҳимояи ҳуқуқии табақаҳои иҷтимоан осебпазирро таъмин менамояд, балки ҳамчун омили муҳимми таҳкими устуворӣ, ҳамбастагӣ ва адолати иҷтимоӣ дар ҷомеа низ бароmad мекунад (саҳ.79).

Ҷолиби таваҷҷуҳ аст, ки диссертант танзими ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоиро танҳо дар доираи қонунгузории миллӣ маҳдуд намекунад. Дар боб нақши Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун асоси бевоситаи ин ҳуқуқ, қонунҳои соҳавӣ ҳамчун воситаи мушаххассозии он ва санадҳои байналмилалӣ ҳамчун меъёрҳои роҳнамо таҳлил гардидаанд. Ин равиш имкон медиҳад, ки ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ дар пайвастагии меъёрҳои миллӣ ва байналмилалӣ фаҳмида шавад.

**Боби сеюм – «Кафолатҳо ва роҳҳалҳои ҳимояи ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ»** ба таҳлили низоми кафолатҳои татбиқ ва ҳимояи ин ҳуқуқ равона шудааст. Дар боб нишон дода мешавад, ки ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ танҳо дар ҳолати мавҷудияти кафолатҳои воқеӣ ва механизмҳои самараноки ҳимоя метавонад пурра амалӣ гардад. Аз ин рӯ, муаллиф масъалаи

кафолатҳоро ҳамчун шарти асосии табдил ёфтани ҳуқуқи эътирофшуда ба имконияти воқеии ҳуқуқӣ баррасӣ менамояд.

Дар ҳамин замина, диссертант мафҳуми кафолатҳои ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрвандро шарҳ дода, зери он маҷмуи шароитҳои объективӣ ва субъективӣ, омилҳо ва воситаҳоеро мефаҳмад, ки ба татбиқи пурраи ҳуқуқ ва озодиҳои шахс мусоидат мекунанд. Ба чунин кафолатҳо заминаҳои иҷтимоию иқтисодӣ, сиёсӣ-ҳуқуқӣ, ахлоқӣ ва ташкилии таъмини ҳуқуқҳо, инчунин усулҳо ва шаклҳои ҳифзи ҳуқуқӣ дохил мешаванд, ки бартарафсозии монеаҳо дар роҳи амалӣ гардидани ҳуқуқҳо ва вокуниши самаранок ба эҳтимоли поймолшавии онҳоро таъмин менамоянд. Ба ибораи дигар, кафолатҳо ҳамчун пояи низомӣ баромад мекунанд, ки на танҳо муқаррароти ҳуқуқии ҳуқуқҳоро таъмин менамоянд, балки дастрасии воқеии онҳоро дар шароити мушаххаси зиндагӣ кафолат медиҳанд (саҳ. 126).

Бо такя ба чунин фаҳмиш, муаллиф кафолатҳои ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоиро ба кафолатҳои умумӣ ва махсус ҷудо намуда, мазмун ва нақши ҳар яке аз онҳоро дар татбиқи ҳуқуқҳои иҷтимоӣ таҳлил мекунад. Кафолатҳои умумӣ низоми шароитҳои асосиро ташкил медиҳанд, ки воқеияти ҳуқуқҳои иҷтимоии инсон ва шаҳрвандро таъмин менамоянд. Зиёда аз ин, онҳо шарти муҳимме барои ташаккули ангеза ва ҳавасмандии шахсият дар самти татбиқи ин ҳуқуқҳо мебошанд (саҳ. 127). Дар ин гурӯҳ заминаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва идеологӣ ҳамчун муҳити умумии амалисозии ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ баррасӣ шудаанд.

Дар идомаи таҳлил, диссертант ба кафолатҳои махсуси ҳуқуқӣ таваҷҷуҳ намуда, кафолатҳои моддӣ-ҳуқуқӣ, тартиботию ҳуқуқӣ, мурофиавӣ ва назоратиро ҷудо мекунад. Ин кафолатҳо бевосита ба татбиқи ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ алоқаманд буда, мазмун, тартиб ва роҳҳои ҳимояи онро муайян менамоянд. Дар натиҷа муаллиф хулосабарорӣ мекунад, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи таъминоти иҷтимоӣ асосан бар ду пояи муҳим — унсурҳои суғуртавӣ ва кафолатҳои давлатӣ устувор мебошад. Аз як тараф, ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ бар асоси ҳолатҳое ба вуҷуд меояд, ки онҳоро қонун муқаррар кардааст, аз ҷумла ба синни нафақа расидан, маъюбӣ, аз даст додани қобилияти меҳнат, марги нондеҳанда ва дигар ҳолатҳо. Аз тарафи дигар, қонунгузор намудҳои ёрии иҷтимоӣ ва рӯйхати хизматрасониҳои иҷтимоиро муайян менамояд, ки ин ба низоммандӣ ва пешгӯишавандагии фаъолияти соҳа мусоидат мекунад (саҳ. 143).

Агар зербоби якум бештар ба масъалаи кафолатҳои татбиқи ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ бахшида шуда бошад, зербоби дуюм масъалаи ҳимояи ин ҳуқуқро дар ҳолати вайрон гардидани он мавриди баррасӣ қарор медиҳад. Дар ин қисмат роҳҳои ҳимояи ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ, аз ҷумла шаклҳои судӣ, маъмурӣ ва ғайриюрисдиксионӣ таҳлил гардидаанд. Диссертант дуруст таъкид менамояд, ки ҳимояи ҳуқуқҳои конститутсионӣ,

аз ҷумла ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ, тавассути истифодаи намудҳои гуногуни фаъолияти мақомоти ваколатдор ва шахсони мансабдор, инчунин тавассути шаклҳо ва роҳҳои гуногуни ҳуқуқӣ амалӣ мегардад (саҳ. 154).

Дар баробари ин, муаллиф танҳо бо таҳлили шаклҳои судӣ ва маъмурии ҳимоя маҳдуд нашуда, ба зарурати рушди шаклҳои ғайриюрисдиксионӣ низ ишора менамояд. Ба андешаи диссертант, дар шароити ташаккули давлати воқеан иҷтимоӣ ва рушди низоми ҳуқуқие, ки ба афзалияти шахсият равона шудааст, зарурати бознигарии нақши шаклҳои ғайриюрисдиксионии ҳимояи ҳуқуқҳои таъминоти иҷтимоӣ ба миён меояд. Рушди роҳҳалҳои алтернативии ҳаллу фасли баҳсҳо, тавсеаи ваколатҳои иттифоқҳои касаба ва дигар ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, инчунин таъсиси тартиботи муассири барқарорсозии тоюрисдиксионии ҳуқуқҳои поймолшуда аз ҷумлаи самтҳои муҳимми ислоҳоти низоми ҳимояи иҷтимоӣ ба ҳисоб меравянд. Татбиқи чунин тадбирҳо на танҳо сарбории мақомоти давлатиро коҳиш медиҳад, балки самаранокӣ ва чандирии умумии роҳҳали ҳуқуқии татбиқ ва ҳимояи ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври назаррас баланд мебардорад (саҳ. 169).

Хулосаи диссертатсия натиҷагирии умумии таҳқиқотро дар бар гирифта, аз 7 банди дорои аҳаммияти назариявӣ ва 2 банди дорои аҳаммияти амалӣ иборат мебошад. Тавсияҳои пешниҳодшуда ба такмили қонунгузории иҷтимоӣ, баланд бардоштани самаранокии механизмҳои ҳимоя ва рушди кафолатҳои ҳуқуқҳои иҷтимоии инсон равона гардидаанд.

**Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия.**

Аҳаммияти илмии натиҷаҳои диссертатсия дар он ифода меёбад, ки таҳқиқот ба рушди минбаъдаи илми ҳуқуқи конститутсионӣ ва назарияи ҳуқуқҳои иҷтимоӣ мусоидат менамояд. Дар рисола ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ ҳамчун падидаи комплексӣ таҳлил шуда, ҷойгоҳи он дар низоми ҳуқуқу озодиҳои конститутсионии инсон ва шаҳрванд муайян гардидааст.

Аҳаммияти амалӣ дар он зоҳир мегардад, ки натиҷаҳо ва пешниҳодҳои муаллиф метавонанд ҳангоми такмили қонунгузории соҳаи таъминоти иҷтимоӣ, фаъолияти мақомоти ваколатдор, баррасии муроҷиатҳои шаҳрвандон, таҳияи барномаҳои иҷтимоӣ ва раванди таълим истифода шаванд. Аҳаммияти иқтисодӣ бо истифодаи самараноки захираҳои иҷтимоӣ ва коҳиши монеаҳои маъмурӣ алоқаманд буда, аҳаммияти иҷтимоӣ дар ҳифзи гурӯҳҳои осебпазир, таҳкими адолати иҷтимоӣ ва афзоиши эътимоди шаҳрвандон ба давлат ифода меёбад.

**Нашри натиҷаҳои таҳқиқ аз рӯйи мавзуи диссертатсия.**

Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар 9 мақолаи илмӣ инъикос ёфтаанд. Аз онҳо 4 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшаванда ва тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд.

Шумораи маводи чопшуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июли соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.**

Диссертатсияи Рисолати Раҷабалӣ аз ҷиҳати сохтор, мазмун, тарзи баён, пайдарпайии таҳлил ва барасмиятдарорӣ ба талаботи бандҳои дахлдори Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд. Диссертатсия мустақилона таҳия гардида, дорои мантиқи ягонаи дохилӣ ва пайдарпайии илмӣ мебошад. Автореферат мазмуни асосии диссертатсияро инъикос намуда, ба талаботи муқарраршуда ҷавобгӯ аст.

Автореферат, ки аз диссертатсия бармеояд, ба талаботи Тартиби додни дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистн аз 30-июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Бо вуҷуди сатҳи зарурии илмӣ ва аҳаммияти назариявию амалии диссертатсия, дар кори мазкур баъзе масъалаҳои баҳсталаб ва эродҳои хусусияти тавсиявӣ дошта ба назар мерасанд:

1. Дар диссертатсия масъалаи мутобиқати қонунгузории миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба стандартҳои байналмилалии таъминоти иҷтимоӣ мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Муаллиф як қатор санадҳои байналмилалӣ, аз ҷумла, меъёрҳои марбут ба ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ, кафолатҳои иҷтимоӣ, ҳифзи гурӯҳҳои осебпазир ва ӯҳдадориҳои давлатро дар соҳаи сиёсати иҷтимоӣ баррасӣ менамояд. Бо вуҷуди ин, таҳқиқот метавонист аз лиҳози илмӣ боз ҳам ғанитар гардад, агар дар он муқоисаи муфассал бо таҷрибаи давлатҳое анҷом дода мешуд, ки дорои низоми пешрафтаи ҳифзи иҷтимоӣ мебошанд. Масалан, таҳлили таҷрибаи давлатҳои дорои модели иҷтимоии аврупоӣ, давлатҳои скандинавӣ ё кишварҳое, ки низоми рақамикунонидашудаи хизматрасониҳои иҷтимоиро самаранок ҷорӣ намудаанд, имкон медод, ки хусусиятҳои институтсионалӣ, молиявӣ ва ҳуқуқии таъминоти иҷтимоӣ дар қиёс бо низоми миллии Тоҷикистон равшантар нишон дода шаванд. Чунин муқоиса на танҳо ҷанбаҳои мусбати таҷрибаи хориҷиро ошкор менамуд, балки барои муайян намудани самтҳои такмили қонунгузории миллӣ, таҳкими кафолатҳои иҷтимоӣ ва баланд бардоштани самаранокии механизмҳои татбиқи ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ аҳамияти назаррас дошт.

2. Дар пешниҳоди сеюми диссертатсия муаллиф ба зарурати рушди шаклҳои ғайриюрисдиксионии ҳимояи ҳуқуқҳои иҷтимоӣ ишора менамояд. Ин нукта аз ҷиҳати назариявӣ ва амалӣ қобили дастгирист, зеро дар шароити муосир танҳо тавассути муроҷиат ба суд ё мақомоти маъмурӣ

таъмин намудани ҳимояи самараноки ҳуқуқҳои иҷтимоӣ на ҳамеша кофӣ мебошад. Бо вуҷуди ин, дар таҳқиқот шаклҳои мушаххаси татбиқи чунин механизмҳо метавонистанд муфассалтар таҳлил гарданд. Аз ҷумла, зарур буд, ки тартиби иштироки ташкилотҳои ҷамъиятӣ, иттифоқҳои касаба ва дигар субъектҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ дар ҳалли баҳсҳои иҷтимоӣ равшантар нишон дода шавад. Масалан, иштироки онҳо метавонад дар шакли машварати ҳуқуқӣ, миёнаравӣ, намояндагии манфиатҳои шахсони осебпазир, мониторинги иҷрои уҳдадориҳои иҷтимоии мақомоти давлатӣ, пешниҳоди хулосаҳои ҷамъиятӣ ва мусоидат ба ҳалли пешазсудии баҳсҳо амалӣ гардад. Мушаххас намудани чунин шаклҳо ба таҳқиқот хусусияти бештар амалӣ мебахшид ва имконият медод, ки пешниҳодҳои муаллиф ҳамчун тавсияҳои воқеан татбиқшаванда арзёбӣ шаванд.

3. Дар рисола масъалаи рақамикунонии расмиёти иҷтимоӣ ҳамчун яке аз самтҳои муҳимми рушди соҳаи таъминоти иҷтимоӣ зикр шудааст. Бешубҳа, гузариш ба хизматрасониҳои электронӣ метавонад шаффофият, суръатнокӣ, дастрасӣ ва самаранокии расмиёти таъйин ва пардохти кумакҳои иҷтимоиро таъмин намояд. Аммо ҷанбаҳои ҳуқуқии ин раванд дар таҳқиқот метавонанд боз ҳам амиқтар мавриди омӯзиш қарор гиранд. Аз ҷумла, масъалаи дастрасии гурӯҳҳои осебпазир – шахсони маъюб, пиронсолон, аҳолии деҳот, шахсони камбизоат ва шаҳрвандоне, ки малака ё имконияти истифодаи технологияҳои рақамиро надоранд, аҳаммияти махсус дорад. Рақамикунонӣ набояд боиси маҳдуд шудани ҳуқуқи чунин шахсон ба таъминоти иҷтимоӣ гардад. Аз ин рӯ, дар таҳқиқот таҳлили кафолатҳои ҳуқуқии дастрасии баробар ба хизматрасониҳои электронӣ, зарурати нигоҳ доштани шаклҳои алтернативии муроҷиат, ташкили нуқтаҳои ёрирасони рақамӣ ва масъулияти мақомоти ваколатдор барои таъмини хизматрасонии дастрас метавонист ҷойгоҳи муҳим дошта бошад.

Ҳамзамон, дар доираи рақамикунонии расмиёти иҷтимоӣ масъалаи ҳифзи маълумоти шахсӣ аҳаммияти хоса пайдо мекунад. Дар раванди таъйин намудани нафақа, кумакпулӣ, ҷубронпулӣ ва дигар намудҳои таъминоти иҷтимоӣ мақомоти ваколатдор ба маълумоти ҳассоси шаҳрвандон, аз ҷумла маълумот дар бораи вазъи саломатӣ, маъюбӣ, сатҳи даромад, ҳайати оила ва шароити иҷтимоӣ дастрасӣ пайдо менамоянд. Аз ин рӯ, таҳқиқи низоми кафолатҳои ҳуқуқии ҳифзи чунин маълумот, тартиби коркарди он, маҳдудияти дастрасии шахсони сеюм, инчунин, масъулияти шахсони мансабдор барои ифшо ё истифодаи ғайриқонунии маълумоти шахсӣ метавонист ба рисола аҳаммияти иловагии илмӣ ва амалӣ диҳад. Ин масъала махсусан дар шароити рушди пойгоҳҳои ягонаи иттилоотӣ ва табодули электронии маълумот байни мақомоти давлатӣ муҳим мебошад.

Эродҳои зикршуда арзиши илмии диссертатсияро коҳиш намедиҳанд ва метавонанд ҳамчун самтҳои таҳқиқоти минбаъда дар соҳаи ҳуқуқҳои иҷтимоӣ истифода шаванд.

**Хулосаи умумӣ оид ба диссертатсия.**

Дар маҷмуъ, диссертатсияи Рисолати Раҷабалӣ дар мавзуи «Ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ дар низоми ҳуқуқу озодиҳои конститутсионии инсон ва шаҳрванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.2 – Ҳуқуқи конститутсионӣ; ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ; танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ пешниҳод шудааст, таҳқиқоти анҷомёфта ва дорои аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ мебошад.

Диссертатсия ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он Рисолати Раҷабалӣ сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.2 – Ҳуқуқи конститутсионӣ; ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ; танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент,
сардори кафедраи фанҳои давлатӣ-ҳуқуқии
факултети №2-и Академияи ВКД
Ҷумҳурии Тоҷикистон Каримзода У.К.

Суроға: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, к. Гулпарвар х. 1445,
Тел.: (+992) 93 922 51 25,
E-mail: muminov-u85@mail.ru

Имзои Каримзода У.К.-ро тасдиқ менамоям:
Сардори ШК Академияи ВКД
Ҷумҳурии Тоҷикистон,
подполковники милитсия Саидзода А.Р.

“18” 05 соли 2026

Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, муассисаи давлатии таълимии таҳсилоти олии касбии «Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон», 734012, ш. Душанбе, кӯчаи М. Мастонгулов 3; Тел.: (+992 37) 226-28-01; факс: (+992 37) 226-60-43. Веб сайт: www.avkd.tj. E-mail: avkdtj@mail.ru